ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.

Эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ниҳоят пурғановат, серпаҳлӯ ва гуногунжанру арзишманд аст. Беш аз 400 сол аст, ки он таваҷҷуҳи аҳли завқ, ноқидону суханшиносонро ҷониби худ кашида, ба падид омадани садҳо мақолаю рисола ва андешаҳои омӯзанда боис шуда, ҷараёни устувору ояндадори бедилшиносиро дар адабиётшиносии мо ва ҷаҳон ба вуҷуд овардааст.

Рӯйи кор омадани диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» дар ин самт айни муддо буда, ғановати ҷараёни бедилшиносиро тақвият хоҳад бахшид ва як паҳлуи камомӯхташудаи эҷодиёти шоирро муфассал равшан хоҳад кард.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия аён мегардад, ки пажуҳиш аз муқаддима, се бобу фаслҳои ба онҳо мутобиқ, хулоса, рӯйхати адабиёт, аннотатсия таркиб ёфтааст. Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ муайян гардида, баъдан объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия ва амсоли инҳо тибқи муқаррарот тавзеҳ шудаанд.

Диссертант дар нахустбоби пажуҳиш «Асосҳои назарии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ»-ро бо такя ба маводди фаровони илмӣ муайян намуда, ба ин натиҷа расидааст, ки ҳисомезӣ ва мутаноқизнамоӣ «Дар асрҳои 9-10 нисбатан камтар буда, дар садаҳои баъд бештар мегарданд

ва дар ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил аз нигоҳи басомад ва камоли ҳунарӣ ба нуқтаи авҷи худ мерасанд» (саҳ. 19). Ин хулосаи диссертант поя ба воқеият дорад ва дуруст аст.

Боби дуюми диссертатсия ба «Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ихтисос дорад. Дар боби мазкур масъалаҳои муҳимме, чун «Вежагиҳои корбурди ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил», «Сохтори ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил», «Вежагиҳои балоғии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил», «Вежагиҳои маъноии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил», «Тақсимбандии ҳиссомезӣ бар асоси таркиби ҳисҳо дар ғазалиёти Бедил» ва «Ҳиссомезӣ – ҷузъи муҳимми сабксоз дар ғазалиёти Бедил» пажуҳиш ёфтаанд. Ба қавли диссертант: «ҳиссомезӣ яке аз унсурҳои аслии сабксоз дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил аст» (саҳ. 28). Зеро унсурҳои сабксоз дар ашъори Бедил ба ҳисомезӣ маҳдуд нест.

“Баррасии мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил» унвони боби сеюм аст ва дар ин боб хусусиятҳои мутаноқизнамоӣ, иртиботи он шигардҳои серистеъмоли ғазалиёти Бедил, сохтори мутаноқизнамоӣ ва мазмунҳои меҳварӣ дар он, вижагиҳои сабксози мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ муайян карда шудаанд. Диссертант таъкид кардааст, ки «Мутаноқизнамоӣ дар эҷодиёти Бедил танҳо воситаи бадеӣ набуда, балки як асли низомбахш ба тафаккур ва сабки шоиронаи ӯст» (саҳ. 33). Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Бедил дар истифодаи таноқуз дасти тавоно дорад ва онро гоҳе чун воситаи баён ва гоҳе чун санъати суханофаринӣ ба кор мебарад.

Диссертант натиҷаҳои таҳқиқ ва дастовардҳои илмии хешро дар 14 банд мушаххас намудааст. Матни автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои умумии диссертатсияро комилан фаро гирифтааст. Инчунин, дар охири автореферат аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудааст, ки тибқи талабот буда, ба муҳассаноти таҳқиқот ишорат мекунад.

Дар баробари дастовардҳо дар матни автореферати диссертатсия камбудиҳои мухталиф аён гаштанд, ки таъкиди баъзе аз онҳоро ин ҷо зарур медонем:

1. Маълум аст, ки бисёре аз санъатҳои бадеӣ, чун маҷоз, ташбеҳ, талмеҳ, ирсоли масал ва ғайра дар каломи манзум гоҳе санъати бадеияд ва гоҳе воситаи баён. Дар хилоли таҳқиқоти мавриди назар, агар ҳудуди бадеии корбурди танокуз ва ҳисомезӣ таҳқиқ мешуд, арзиши пажуҳиш афзун мегардид.

2. Истифодаи истилоҳи танокуз, ки деринаи бештар дорад, нисбат ба истилоҳи мутанокизнамоӣ муфидтар менамояд. Зеро яке аз меъёрҳои истилоҳсозӣ ва истилоҳпазирӣ дар мушаххасияти истилоҳ муқаррар шудааст.

3. Дар саҳифаҳои гуногуни автореферат ғалатҳои услубӣ (7, 15, 18, 32, 33); имлоӣ (4, 6, 9, 13, 14, 23, 31) ва китобат (5, 12, 21, 24, 27, 29) роҳ ёфтаанд.

Норасоиҳои зикршуда моҳиятан, ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши пажуҳишро кам карда наметавонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутанокизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ арзёбӣ мешавад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва
таърихи адабиёти Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Шоев Абдуҳамид
Абдунабиевич

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Сурхоб 5
Тел.: (+992) 935-36-43-03;
E-mail: sayron80@mail.ru

Имзои Шоев Абдуҳамид Абдунабиевичро
тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ
Муҳибулло

Суроғаи муассиса:
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
Телефон: +992(37) 224-13-83
www: tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.t

9.11.2026